*УДК 340*
*DOI 10.24412/3005-8023-2025-2-11-19*

## *РАВАНДИ ТАЪСИС ВА ТАШАККУЛИ НИҲОДҲОИ МАҚОМОТИ АДЛИЯ ДАР ҶМШС ТОҶИКИСТОН (1924-1929)*

***Хусаинова Шаҳнура Манноновна,*** *унвонҷӯи кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи ДДҲБСТ (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

## *ПРОЦЕСС СОЗДАНИЯ И ФОРМИРОВАНИЯ ИНСТИТУТОВ ОРГАНОВ ЮСТИЦИИ В ТАДЖИКСКОЙ АССР (1924–1929 гг.)*

***Хусаинова Шахнура Маннановна,*** *соискатель кафедры теории государства и права ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан)*

## *THE PROCESS OF ESTABLISHMENT AND FORMATION OF LAW ENFORCEMENT AGENCY IN THE TAJIK SSAR (1924–1929)*

***Khusainova Shahnura Mannonovna,*** *applicant of the department of theory of state and law under the TSULBP (Khujand, Tajikistan)**e-mail:** khysainova81@mail.ru*

*Объекти таҳқиқ - раванди таъсис ва ташаккули ниҳодҳои мақомоти адлия дар Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Тоҷикистон (1924-1929) мебошад, ки дар ҳайъати ҶШС Ӯзбекистон ташкил шуда буд. Зикр гардидааст, ки дар ҷумҳурӣ дар ибтидо таҷрибаи ҶХШ Бухоро ва ҶМШС Туркистон ва қонунҳои амалкунандаи ҶШС Ӯзбекистон ва ИҶШС татбиқ мегардид. Дар давоми солҳои 1924-1929 дар ҶМШС Тоҷикистон Комиссариати адлия, шуъбаи Тоҷикистонии Суди Олии Ӯзбекистон, додгоҳҳои ноҳиявӣ, ҳуҷраҳои судяҳои халқӣ, сессияи меҳнатии додгоҳ, Суди Олӣ ташкил карда шуданд. Таъкид шудааст, ки дар ҳамин давра Кодекси ҷиноятӣ, Кодекси мурофиаи гражданӣ, кодекси ҷангал, Кодекси замин, Кодекси истилоҳотию меҳнатӣ қабул карда шудаанд, ки онҳо ба кодексҳои дахлдори РСФСР монанд буданд, аммо тағйирот ва иловаҳои зиёдеро дарбар мегирифтанд, ки инъикоскунандаи хусусиятҳои маҳаллӣ буданд. Хулоса шудааст, ки раванди таъсис ва ташаккули мақомоти адлия дар ҶМШС Тоҷикистон як марҳилаи асосгузор ва муайянкунандаи таърихи ҳуқуқии кишвар буда, ба таҳкими истиқлолияти ҳуқуқии ҷумҳурӣ ва шаклгирии низоми ҳуқуқии миллӣ асос гузошт.*

***Калидвожаҳо:*** *ҶМШС Тоҷикистон, мақомоти адлия, Комиссариати халқӣ адлия, суд, кодексҳои ҳуқуқӣ, таърихи ҳуқуқ, додгоҳҳои ноҳиявӣ*

*Объект исследования – процесс создания и формирования институтов органов юстиции в Таджикской Автономной Советской Социалистической Республике (1924–1929), которая была образована в составе Узбекской ССР. Отмечается, что на начальном этапе в республике применялись правовые нормы и опыт Бухарской Народной Советской Республики и Туркестанской АССР, а также действующие законы Узбекской ССР и РСФСР. В период 1924–1929 годов в Таджикской АССР были учреждены Народный комиссариат юстиции, Таджикский отдел Верховного суда Узбекистана, районные суды, кабинеты народных судей, трудовые сессии суда, а также Верховный суд. Подчеркивается, что в этот же период были приняты Уголовный кодекс, Гражданский процессуальный кодекс, Лесной кодекс, Земельный кодекс, а также Терминологический и Трудовой кодексы, которые были аналогичны соответствующим кодексам РСФСР, однако содержали многочисленные изменения и дополнения, отражающие местную специфику. Сделан вывод, что процесс создания и становления органов юстиции в Таджикской ССР стал основополагающим и определяющим этапом в правовой истории страны, заложив основы для укрепления правовой самостоятельности республики и формирования национальной правовой системы.*

***Ключевые слова**: Таджикская АССР, органы юстиции, Народный комиссариат юстиции, суд, правовые кодексы, история права, районные суды*

*The process of establishment and formation of justice institutions in the Tajik Soviet Socialist Autonomous Republic (1924–1929), which was formed as part of the Uzbek SSR, has become the subject of research. It is noted that at the initial stage, the legal norms and experience of the Bukharan People's Soviet Republic and the Turkestan ASSR, as well as the prevailing laws of the Uzbek SSR and the RSFSR, were applied in the republic. During the period from 1924 to 1929, the People's Commissariat of Justice, the Tajik department of the Supreme Court of Uzbekistan, district courts, offices of people's judges, labor sessions of the court, and the Supreme Court were established in the Tajik SSR. It is emphasized that during this same period, the Criminal Code, the Civil Procedure Code, the Forest Code, the Land Code, as well as the Terminological and Labor Codes were adopted. These were similar to the corresponding codes of the RSFSR but included numerous modifications and additions reflecting local specificities. It is concluded that the process of establishing and developing the justice system in the Tajik SSR was a foundational and defining stage in the legal history of the country, laying the groundwork for strengthening the legal independence of the republic and forming a national legal system.*

***Key-words**: Tajik SSAR, law enforcement agency, people's commissariat of justice, court, legal codes, legal history, district courts*

Таъсиси ҶМШС Тоҷикистон дар соли 1924, дар доираи ислоҳоти миллӣ-ҳудудии ИҶШС, як падидаи муҳимми ҳуқуқиву сиёсӣ буд, ки заминаи ташаккули давлатдорӣ ва низоми адлияро дар қаламрави Тоҷикистон гузошт [15, с.146,179; 12, с.488-489]. Ин иқдом бар асоси қарорҳои КИМ СССР амалӣ шуда, дорои аҳаммияти конститутсионӣ махсуб меёфт.

ҶМШС Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии мухтор дар ҳайъати ҶШС Ӯзбекистон таъсис ёфта, худудҳои дорои аҳолии тоҷикнишин — аз ҷумла қисми шарқии Бухоро ва ҶМШС Туркистон — ба он ҳамроҳ карда шуданд [10, с.15; 11,с.399]. Қисмҳои маъмурие чун Ғарм, Ҳисор, Кӯлоб, Қурғонтеппа ва ВМКБ низ ба ин таркиб ворид гардиданд. Вале Хуҷанд ва минтақаҳои шимолӣ танҳо дар соли 1929 ба ҳайъати ҶМШС Тоҷикистон ворид карда шуданд [21, с.146-147].

Бо таъсиси ҷумҳурии мухтор, марҳилаи ташаккули ниҳодҳои давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оғоз гардид. Қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқӣ дар ибтидо ба таҷрибаи ҶХШ Бухоро ва ҶМШС Туркистон такя мекард ва то ташаккули низоми ҳуқуқии худӣ, қонунҳои амалкунандаи ҶШС Ӯзбекистон ва ИҶШС татбиқ мегардиданд [9, с.26]. Дар ҳамин замина, рушди институтсионалӣ сурат гирифта, имкони ташаккули мустақили ҳуқуқӣ фароҳам омад.

Кумитаи Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон ҳамчун мақомоти муваққатӣ бо таъсиси комиссияҳо вазифаҳои аввалияи давлатӣ ва ҳуқуқиро иҷро мекард. Дар асоси он сохторҳо, мақомоти адлия, прокуратура ва дигар ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқ рушд карданд. Бо ин, нақши ҶМШС Тоҷикистон дар татбиқи сиёсати ҳуқуқии шуравӣ дар сатҳи минтақавӣ таҳким ёфт.

Ҳамин тавр, таъсиси ҶМШС Тоҷикистон иқдоме буд, ки на танҳо ба ташаккули сиёсии ҷумҳурӣ, балки ба бунёди заминаҳои ҳуқуқии давлатдории миллӣ ва рушди низоми адлия мусоидат намуд [18].

Дар солҳои 1924–1925, Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва ШКХ Ӯзбекистон санадҳои ҳуқуқиро қабул карданд, ки муносибатҳои меҳнатӣ ва сохтори адлияро танзим менамуданд. Аз ҷумла, Низомномаи Комиссариати халқии адлияи Ӯзбекистон (1925) аҳаммияти муҳим дошт [15, с.102].

7 декабри 1924 дар Тошканд, таҳти раёсати Б. Дадабоев, маҷлиси аввалини Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон баргузор шуд. Дар он зарурати таъсиси Комиссариати

халқии адлия ва прокуратура дар ҳамоҳангӣ бо судҳои халқӣ таъкид гардид [1, в.10].

14 феврали 1925 таъсиси расмии Комиссариати халқии адлия ва прокуратура ба тасвиб расид. Пештар, дар ҷаласаи 16 декабри 1924, И. Исмоилзода раиси адлия ва А. Йулдошев муовини ӯ таъин шуданд.

Дар шароити гузариш ва набудани таҷрибаи ҳуқуқии мустақил, ин сохторҳо таҳти роҳнамоии ҶШС Ӯзбекистон ташаккул ёфтанд. 22 декабри 1924 бо қарори нав ваколатҳои роҳбарикунӣ бозбинӣ шуда, И. Исмоилзода муовин ва А. Йулдошев узви коллегия гардиданд. Сабаби таъхир дар таъини раиси адлия, ба Душанбе интиқол наёфтани Кумитаи инқилобии ҷумҳурӣ буд.

Аз 22 декабри 1924 Комиссариати адлия расман фаъолиятро оғоз намуда, то 12 феврали 1925 дар шаш минтақа — Душанбе, Кӯлоб, Ғарм, Қурғонтеппа, Ӯротеппа ва Панҷакент — намояндагиҳои худро таъсис дод [1, в.1].

18 феврали соли 1925 Т. Сайфутдинов ба ҳайси раиси Комиссариати халқии адлия ва ҳамзамон прокурори ҷумҳурӣ таъин гардид. Прокуратура дар ҳайъати Комиссариати адлия таъсис ёфта, мақоми мустақили сохториро доро буд, ки мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқии махсус фаъолияти худро анҷом медод[1,в.12; 14,с.18].

Дар ҳамин давра Низомномаи «Дар бораи Комиссариати халқии адлияи ҶМШС Тоҷикистон» таҳия ва дар ҷаласаи Президиуми Кумитаи инқилобии ҷумҳурӣ тасдиқ гардид. Мутобиқи моддаҳои калидии ин санад, салоҳиятҳои васеъ ба прокурор вогузор карда мешуд: дар моддаи 12-ум ба ӯ ҳуқуқи назорати умумии судӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ — бекор ё боздошти қарорҳои судҳо, аз ҷумла Судҳои Олӣ дода мешуд. Дар моддаи 13-ум, ваколати назорати комиссияҳои заминӣ ва арбитражӣ ба Комиссариати адлия ва прокурори ҷумҳурӣ вобаста диниста мешуд[1].

Коллегияи назди КХА ҳамчун ниҳоди коллегиалӣ амал намуда, ҳайъати он бо қарори КМИ ҶМШС Тоҷикистон тасдиқ мегардид (моддаи 14). Раиси КХА, ки ҳамзамон вазифаи прокурори ҷумҳуриро ба уҳда дошт, вазифаҳои раҳнамоӣ ва стратегиро дар рушди низоми адлия иҷро менамуд.

Ҳамин тариқ, ташкили Комиссариати халқии адлия дар ҶМШС Тоҷикистон, бар асоси санадҳои ҳуқуқии махсуси замони шуравӣ, ҷузъи ҷудонашавандаи низоми қонунгузории минтақавии тобеи марказ буд ва ба таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ ва амалиёти адлия дар ҷумҳурӣ хидмат кард.

Дар марҳалаи аввали ташаккули низоми давлатдории шуравӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶМШС Тоҷикистон), мақомотҳои суд ва прокуратура, ки ниҳоди мақомоти адлия маҳсуб меёфтанд, нақши ҳалкунанда дар таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ бозиданд.

Дар ҳамин давра, дар доираи ҳуқуқи (юрисдиксияи) судии ҶМШС Тоҷикистон таҳти итоати Суди Олии ҶШС Ӯзбекистон қарор дошт. Тибқи қарори Президиуми хурди Кумитаи марказии иҷроияи Шуроҳои ҶШС Ӯзбекистон аз 23 марти соли 1925, дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон шуъбаи Суди Олии Ӯзбекистон таъсис дода шуд. Баробари он, "Низомномаи муваққатӣ дар бораи Шуъбаи тоҷикистонии назди Суди Олии Ӯзбекистон" низ тасвиб гардид [29,с.19].

Муҳаққиқ Шодиев И.Р. зикр мекунад, ки дар солҳои 1925–1926 дар қаламрави ҶШС Тоҷикистон сохторҳои зерин таъсис дода шуданд [29,с.19]:

1. Шуъбаи тоҷикистонии назди Суди Олии ҶШС Ӯзбекистон;

---

[1] Мо дар ин ҷо ба нобаробарии маънидодкунии ин банд аз қарор таваҷҷӯҳ намекунем. Прокурор назоратро барои иҷрои қонунҳо аз ҷониби комиссияҳои заминӣ ва арбитражӣ амалӣ мекунад, на назоратро «бар комиссияҳои заминӣ ва арбитражӣ».

2. Се додгоҳи ноҳиявӣ (Ҳисор – ҳамзамон марказаш шаҳри Душанбе, Кӯлоб ва Истаравшан – воқеъ дар шаҳри Ӯротеппа, ки ду вилоят – Истаравшан ва Панҷакентро фаро мегирифт);
3. Сенздаҳ ҳуҷраи судяҳои халқӣ;
4. Сессияи меҳнатии додгоҳ дар шаҳри Душанбе.

Бо қарори моҳи июни соли 1927, сохторҳои зикршуда – Шуъбаи тоҷикистонӣ ва додгоҳҳои ноҳиявӣ – барҳам дода шуда, ба ҷои онҳо Суди Олии ҶМШС Тоҷикистон ва намояндагони он дар вилоятҳо таъсис дода шуданд. Аммо салоҳиятҳои қаблии Шуъбаи тоҷикистонӣ пурра ба Суди Олии ҶШС Ӯзбекистон интиқол дода шуда, ҳамин тавр, Суди Олии Ӯзбекистон мақоми судии болоӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ монд.

Баъд азислоҳоти моҳи май–июни соли 1927, сохтори нави низоми судии ҶШС Тоҷикистон чунин муайян гардид [29, с.19]:

1. Суди Олӣ дар ҳайъати 30 нафар;
2. Судҳои халқии минтақавӣ (туманӣ) – 16 суд бо 64 корманд.

Дар декабри ҳамон сол, дар доираи Минтақаи Мухтори Кухистони Бадахшон, сессияи доимии Суди Олии ҶМШС Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Ҳамзамон, дар баробари судҳои шуравӣ, дар солҳои аввал судҳои шариатӣ низ фаъолият мекарданд. Тибқи қарорҳои Комитети инқилобии ҶМШС Тоҷикистон, “Низомнома дар бораи судҳои шариатии қозигии Ҷумҳурии Тоҷикистон” тасдиқ гардид, ки тартиби ташкили онҳо ва шумораашон аз ҷониби додгоҳҳои ноҳиявӣ муайян шуда, ба тасвиби ниҳоди иҷроияи олии ҷумҳурӣ мерасид [17, с.278].

Мувофиқи муқаррароти ин низомнома, дар ҳар як вилоят на бештар аз се қозӣ ва се номзад ба ин мансаб интихоб мешуданд. Ҳукумати шуравии ҷумҳурӣ, бо назардошти зарурати мутобиқсозии низоми ҳуқуқӣ ба меъёрҳои давлатдории шуравӣ, дар як муддати кӯтоҳ ба маҳдудсозӣ ва ниҳоят барҳамдиҳии судҳои шариатӣ иқдом намуд. “Низомнома дар бораи судҳои қозигии ҶМШС Тоҷикистон” баъди тасдиқ, “Низомнома дар бораи судҳои шариатӣ”–ро лағв кард. Баъд аз он, аз салоҳияти судҳои қозигӣ парвандаҳои ҷиноятӣ пурра хориҷ гардида, танҳо баррасии парвандаҳои шаҳрвандӣ бо арзиши на бештар аз 500 рубл, инчунин масоили оилавӣ, васоят ва мерос ба салоҳияти онҳо боқӣ монд.

Дар оғози соли 1927, дар қаламрави ҷумҳурӣ 15 суди шариатӣ амал мекарданд, ки дар амал функсияҳои судҳои ноҳиявиро иҷро менамуданд. Аммо то моҳи апрели ҳамон сол шумораи онҳо ба 5 расонда шуд. Ниҳоят, бо назардошти коҳиши муроҷиати аҳолӣ ба ин судҳо, 30 июли соли 1928, бо қарори муштараки КМИ ва ШКХ-и ҶМШС Тоҷикистон, судҳои қозигӣ пурра барҳам дода шуданд [17, с.279].

Дар ин марҳала, мақомоти прокуратура ва судҳои шуравии ҷумҳурӣ, баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ва шаҳрвандиро ба зимма доштанд. Мақомоти прокуратураи ҷумҳурии мухтор, тибқи сохтори шуравии замон, ба баррасии саривақтии муроҷиату шикоятҳои шаҳрвандон, ба эътироз гирифтани санадҳои ғайриқонунии ҳуқуқӣ, ошкорсозӣ ва таҳқиқи ҷиноятҳо, инчунин ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашидани шахсони масъул машғул буданд.

Тибқи маълумоти К.А. Мирзоева, танҳо дар соли 1925, мақомоти прокуратураи ҷумҳурӣ 184 муроҷиату шикояти шаҳрвандонро баррасӣ намудааст. Дар давраи аз 1 январи то 1 октябри соли 1926, дар вилоятҳои Ҳисор ва Кӯлоб, 357 муроҷиат ворид шуда, 316-тои он (88%) баррасӣ ва ҳаллу фасл гардид, дар ҳоле ки 46 муроҷиат (12%) бе ҳалли ниҳоӣ боқӣ монданд [13, с.18].

Дар ҳамин давра, аз 15 марти соли 1925 то 1 январи соли 1926, додгоҳҳо (судҳо)-и ҷумҳурӣ, аз ҷумла Шуъбаи тоҷикистонии назди Суди Олии Ӯзбекистон, 1520 парвандаро баррасӣ намудаанд, ки аз ин шумора 918 парвандаи ҷиноятӣ, 490 шаҳрвандӣ ва 112 кассатсионӣ будаанд. Дар чор моҳи аввали соли 1926 (то 1 май) 705 парванда мавриди

баррасӣ қарор гирифтааст, ки аз онҳо 544 парвандаи ҷиноятӣ, 49 парвандаи шаҳрвандӣ ва 112 парвандаи кассатсионӣ мебошанд [13, с19].

Дар солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон низоми адлия бо тағйироти пайвастаи ҳуқуқӣ ва ташкили сохторҳои нав рушд кард. Низомномаи Комиссариати халқии адлияи Ӯзбекистон, ки 6 майи 1925 тасдиқ шуд, баъди як сол бекор гардида, соли 1931 бо тарҳи нави вазифавӣ иваз гардид [21,с.174; 9,с.27–28]. Ин тағйирот ба таҳкими сохторҳои прокурорӣ ва додгоҳӣ рабт дошт.

Охири соли 1925 дар Тоҷикистон низ Низомномаи КХА тасдиқ гардид, ки заминаи ҳуқуқии навро барои фаъолияти мустақили адлия фароҳам овард [8, в.146]. Ин санад баъдан бо гузариши Тоҷикистон ба мақоми ҷумҳурии иттифоқӣ (соли 1929) таҷдид ва такмил ёфт. Низомнома вазифа ва сохтори коллегиалии КХА-ро муайян карда, самтҳои назорати судӣ, ҳуқуқи замин ва арбитражро дар бар мегирифт.

Бо вуҷуди ин, дар ҳолатҳое, ки мазмун ва мухтавои санадҳои ҳуқуқӣ ба хусусиятҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии маҳал мутобиқат намекард, Вазорати адлияи ҶШС Тоҷикистон (Комиссариати халқии адлия) ҳуқуқ дошт пешниҳодоти ислоҳӣ ва тағйиротро, ки ба воқеиятҳои ҷумҳурии тозаистиқлол мутобиқ бошанд, таҳия намояд. Санадҳои тағйирдодашуда баъдан ба тасвиби мақомоти дахлдори ҶШС Ӯзбекистон – яъне Кумитаи марказии иҷроия – пешниҳод мегардиданд.

Аз соли 1925 ҶМШС Тоҷикистон расман ба ҳайъати Ӯзбекистон дохил шуд. Аммо интиқоли қонунҳои дигар ҷумҳуриҳо, мисли ҶМШС Туркистон ва ҶХШ Бухоро, бе мутобиқсозӣ натиҷаи кофӣ надод.

Сатҳи саводнокӣ ва тафаккури анъанавӣ монеаи татбиқи пурраи қонунгузории шӯравӣ мешуд. Муқоиса бо ҶШС Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии халқии Бухоро нишон медиҳад, ки ҳар ҷумҳурӣ роҳи хоси худро дар татбиқи ҳуқуқ дошт. Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш қарор дошт ва ба мутобиқсозии қонунҳо эҳтиёҷ дошт.

Дар ҶШС Ӯзбекистон, дар даврае, ки ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайъати он қарор дошт (аз соли 1924 то 1929), махсусан аз соли 1926 то 1929, якчанд кодексҳо қабул гардиданд: Кодекси ҷиноятӣ (июни 1926) [22,ст.54], Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ (июни 1926) [24,ст.53], Кодекси гражданӣ (январи 1928) [26,ст.16], Кодекси мурофиавии гражданӣ (октябри 1927) [23,ст.228], Кодекси ҷангал (декабри 1927) [24,ст.257], Кодекси оила (кодекси қонунҳо дар бораи никоҳ, оила, васоят ва қайди ҳолатҳои шаҳрвандӣ – июни 1928) [25,ст.136], Кодекси замин (апрели 1929) [20,с.54-83] ва Кодекси ислоҳотию меҳнатӣ (июни 1926) [22,ст.55], инчунин Кодекси меҳнат (июли 1929) [19,ст.441].

Тавре ки Ф.Т. Тоҳиров таъкид мекунад, ҳамаи ин кодексҳо дар сатҳи назаррас ба кодексҳои РСФСР монанд буданд, аммо тағйирот ва иловаҳои зиёдеро дар бар мегирифтанд, ки хусусиятҳои маҳаллиро инъикос менамуданд. Дар оянда, баъзе аз ин кодексҳо ба таври ҷиддӣ таҷдид шуда, ба шакли нави худ ворид карда шуданд[27,с.161]. Масалан, 29 июни соли 1929, КМИ ҶШС Ӯзбекистон Кодекси нави мурофиавии ҷиноятиро қабул намуда, онро аз 1 августи 1929 ба амал ҷорӣ кард[27,с.182].

Дар марҳилаи ташаккули низоми ҳуқуқии ҶМШС Тоҷикистон, татбиқи кодексҳои қонунгузории ҶШС Ӯзбекистон нақши калидӣ бозид. Ҷумҳуриҳои мухтор, аз ҷумла Тоҷикистон, аз лиҳози ҳуқуқӣ мустақилияти пурра надоштанд ва барои танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ аз манбаъҳои қонунгузории ҷумҳуриҳои иттифоқӣ истифода мебурданд. Воридсозии кодексҳои нав боиси қатъи амалигардии санадҳои ҳуқуқие гардид, ки то он замон дар ҳудудҳои собиқи Туркистон ва Бухоро ҷорӣ буданд. Ин раванд бо иштироки фаъоли Комиссариати халқии адлияи ҷумҳурӣ амалӣ мешуд.

ҶМШС Тоҷикистон на танҳо қонунҳои РСФСР-ро қабул намуд, балки дар амалӣ кардани онҳо усулҳои мутобиқсозӣ ба хусусиятҳои маҳаллиро низ истифода бурд. Ворид

намудани тағйирот ба кодексҳо имконпазир буд, аммо он бояд аз ҷониби Кумитаи иҷроияи марказии ҶШС Ӯзбекистон тасдиқ мегардид. Ин механизми дуҷониба, аз як ҷониб, мутобиқгардонии ҳуқуқ ба шароити Тоҷикистонро таъмин менамуд ва, аз ҷониби дигар, назорати марказиро нисбат ба ҷумҳуриҳои мухтор ҳифз мекард [27, с.161].

Комиссариати халқии адлияи ҷумҳурӣ, ҳамчун ниҳоди масъули ҳуқуқӣ, дар набудани парламенти доимӣ, ташаббускори таҳия ваислоҳи қонунҳо буд. Мутахассисони ин идора асоси меъёрии ҳуқуқиро мутобиқ ба шароити воқеии ҷумҳурӣ шакл медоданд. Санадҳои кодификатсионӣ, ки фаъолияти комиссариатҳо ва дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идораҳоро танзим менамуданд, дар ташаккули пояи ҳуқуқии Ҷумҳурии мухтор мақоми хос доштанд [27, с.161].

Аз ҷумла, санадҳои меъёрие қабул гардиданд, ки фаъолияти Комиссариати халқии замин (20 декабри 1924) [4,в.19], Комиссариати халқии тандурустӣ (24 декабри 1924) [1,в.7], Комиссариати халқии адлия (6 майи 1925)[5,в.162-164], Комиссариати халқии меҳнат (17 ноябри 1925) [2,в.13-17], Комиссариати халқии корҳои дохилӣ -НКВД (14 августи 1926), Комиссариати халқии маориф (12 январи 1926) [3,в.35-40], Банақшагирии давлатӣ - Госплан (11 апрели 1925) [5,в.176-179], инчунин Идораи марказии хоҷагии обро (29 июни 1925) [7,в.125-130] танзим менамуданд.

Нақши муҳим дар таҳияи ин санадҳо ба Комиссариати халқии адлияи ҶМШС Тоҷикистон тааллуқ дошт, ки таъсири мустақим ба ташаккули низоми ҳуқуқии мухторият мерасонид.

То қабули Конститутсияҳои солҳои 1927 ва 1929, танзими салоҳиятҳои ҳуқуқии ҶМШС Тоҷикистон асосан бар пояи “Низомномаи асосӣ дар бораи муносибатҳои байни комиссариатҳои халқии ҶШС Ӯзбекистон ва ҶМШС Тоҷикистон” сурат мегирифт, ки 12 декабри соли 1925 аз ҷониби Кумитаи инқилобии Тоҷикистон тасдиқ шуда буд. Гарчанде ин санад тибқи супориши КИМ ҶШС Ӯзбекистон таҳия гардида буд, дар адабиёт шубҳаҳо оид ба тасдиқи ниҳоии он баён шудаанд[27,с.164,182].. Ба андешаи Ф.Т. Тоҳиров, эҳтимол ин норасоӣ бо интизории қабули Конститутсияи нав шарҳ дода мешавад, ки дар он мақоми расмии ҳуқуқии ҶМШС Тоҷикистон ба таври мушаххас муайян мегардид [27,с.182].

Мазмуни “Низомнома” ба ташаккули асосҳои қонунгузории худмухтор равона шуда, салоҳиятҳои мақомоти ҷумҳуриявиро дар се самт муайян менамуд: қабули санадҳои мустақил барои танзими фаъолияти комиссариатҳои халқии ҳамроҳнашуда, таҳияи санадҳои иловагӣ ба қонунгузории ҶШС Ӯзбекистон ва пешниҳод намудани тағйирот ба қонунгузории умумии иттифоқ. Дар ин раванд Комиссариати халқии адлияи ҶМШС Тоҷикистон нақши муҳим бозида, танзими фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимиятро дар доираи меъёрҳои умумии шуравӣ роҳандозӣ мекард[27, с.182]..

Ҳарчанд дар ин низом ба ҷумҳурӣ имконияти рушди худмустақили ҳуқуқӣ дода мешуд, воридсозии тағйироти ҷиддӣ ҳамоно тасдиқи КИМ ҶШС Ӯзбекистонро талаб мекард [6,в.88-91]. Бо ин васила, тавозуни байни худмухтории маҳаллӣ ва назорати марказӣ таъмин мегардид. Дар ниҳоят, муқаррароти асосии “Низомнома” дар Конститутсияҳои ҶШС Ӯзбекистон (1927) ва ҶШС Тоҷикистон (1929) таҷассум ёфтанд [27, с.164-165].

Ташаккули низоми ҳуқуқии ҶМШС Тоҷикистон дар ин давра ҷараёни мураккабу зиддиятнок дошт, ки ҳамзамон ифодаи қонуниятҳои умумии шӯравии давлатсозӣ ва мутобиқшавӣ ба воқеиятҳои миллии Тоҷикистон буд.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти мазкур равандҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии марбут ба таъсис ва ташаккули ниҳодҳои мақомоти адлия дар ҶМШС Тоҷикистонро дар давраи солҳои 1924–1929 мавриди таҳлили амиқ қарор дод. Дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва таърихӣ муайян гардид, ки таъсиси мацомоти адлия дар ҶМШС Тоҷикистон зери таъсири бевоситаи сохторҳои ҷумҳуриявии ҶШС Ӯзбекистон ва сиёсатҳои умумии ҳуқуқии

Иттиҳоди Шӯравӣ сурат гирифтааст.

Ташаккули мақомоти адлия дар асоси қонунгузории умумии шуравӣ ва бо роҳнамоии Комиссариати халқии адлияи ҶМШС Тоҷикистон ба амал омад. Ин ниҳодҳо на танҳо ба татбиқи қонунгузории иттифоқӣ дар шароити маҳаллӣ машғул буданд, балки дар раванди мутобиқсозии он ба урфу одат ва вазъияти иҷтимоиву иқтисодии ҷумҳурӣ нақши калидӣ бозиданд.

Ҳамзамон, таҳқиқот нишон дод, ки дар ин давра масъалаи мувозинати салоҳиятҳои маҳаллӣ ва назорати марказӣ як масъалаи марказии сиёсати ҳуқуқӣ буд. Ҳарчанд ба Тоҷикистон имкониятҳои муайяни ҳуқуқии худтанзимкунӣ дода шуда буданд, фаъолияти ҳамаи сохторҳои ҳуқуқӣ дар чорчӯби меъёрҳои ҷумҳуриявии ҶШС Ӯзбекистон ва қарорҳои КИМ маҳдуд мегардид.

Ба таври умум, дар давраи таҳқиқшуда, заминаҳои институти ҳуқуқии ҷумҳурӣ гузошта шуданд, ки баъдан дар марҳилаҳои баъдӣ асоси ташаккули низоми мустақили ҳуқуқии ҶШС Тоҷикистон гардиданд. Маҳз дар ин марҳила аввалин таҷрибаҳои ташкили мақомоти адлия ва ҳифзи ҳуқуқ, ки ба шароити миллии Тоҷикистон мутобиқ буданд, ба миён омаданд.

Хулоса**:** раванди таъсис ва ташаккули мақомоти адлия дар ҶМШС Тоҷикистон дар солҳои 1924–1929 як марҳилаи асосгузор ва муайянкунандаи таърихи ҳуқуқии кишвар буда, ба таҳкими истиқлолияти ҳуқуқии ҷумҳурӣ ва шаклгирии низоми ҳуқуқии миллӣ асос гузошт.

### *ПАЙНАВИШТ:*

**1.** *Бойгонии давлатии марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон (БДМ ҶТ). –Хазина 9.-Рӯйхат1.-Парванда1.-Варақ1, 6, 7, 10, 12 (Протоколҳои ҷаласаи кумитаи инқилобии Ҷумҳурии мухтори шуравӣ сотсиалистии Тоҷикистон №1 аз 07.12.1924).*
**2.** *БДМ ҶТ.-Х.9.- Р.1.- П.11. - В.13-17.*
**3.** *БДМ ҶТ.-Х.9.- Р.1.- П.13. – В. 35-40.*
**4.** *БДМ ҶТ.-Х.9.- Р.1.- П.15. – В.19.*
**5.** *БДМ ҶТ.-Х.9.- Р.1.- П.179. – В.162-164,176-179.*
**6.** *БДМ ҶТ.-Х.9.- Р.1.- П.27. – В. 88-91.*
**7.** *БДМ ҶТ.-Х.9.- Р.1.- П.36. - В.125-130.*
**8.** *БДМ ҶТ.–Х.9.-Р.3. - П.118. - В. 146.*
**9.** *Васикова М.С. Развитие законодательства Узбекской ССР и проблемы его кодификации: автореф. дисс… д-ра юрид. наук: 12.00.01/ М.С. Васикова. – Ташкент, 1974. – 41 с.*
**10.** *Еникеева З. Г. Автономная республика / З. Г. Еникеева. – Москва: Юрид. лит., 1964. – 83 с.*
**11.** *История национально-государственного строительства СССР (1917-1936). – Москва: Мысль,1968. – 504 с.*
**12.** *История Советской Конституции в документах, 1917 - 1956 гг. / Сост.: Липатов А.А., Савенков Н.Т.; Предисл.: Студеникин С.С. (Общ. ред.) – Москва: Госюриздат, 1957. – 1045 с.*
**13.** *Мирзоева К.А. Становление и развитие органов прокуратуры и прокурорского надзора в Таджикистане (20-е — середина 30-х гг.): автореф. дисс… канд. юрид. наук: 12.00.11. – Москва, 1996. – 26 с.*
**14.** *Мухаммадиев И.С. Образование и становление органов прокуратуры на севере Таджикистана в 1923-1930 гг. (исторический аспект исследования): автореф. дисс… канд ист. наук: 07.00.02 / И.С. Мухаммадиев. – Худжанд, 2009. – 27 с.*
**15.** *Назаров Н.Д. История таджикской милиции: Этапы становления, развития и совершенствования / Н.Д. Назаров. – Душанбе, 2005. – 249 с.*
**16.** *Назаров Н. Д. Организационно – правовые основы становления и развития милиции Таджикистана (1917-2006 гг.): автореф. дисс... д-ра юрид. наук // Н.Д. Назаров. - Москва, 2007. – 64 с.*

17. *Пираков Х. М. Об организационно-правовых основах формирования судебных органов Таджикистана в первые годы советской власти // Вестник Педагогического университета. – 2015. - № 3-1 (64). – С.276-280.*
18. *Правда Востока. 30 ноября 1924 г.*
19. *Собрание кодексов Узбекской ССР. – Самарканд, 1929. Ст.441.*
20. *Собрание кодексов Узбекской ССР. – Самарканд, 1929. С.54-83.*
21. *Собрание узаконений и распоряжений рабоче-дехканского правительства Узбекской ССР (СУ УзССР), 1925, №9.ст.102, ст. 174, ст.175, ст.282.*
22. *СУ УзССР, 1926. № 11-12, ст.53, ст.54, ст.55.*
23. *СУ УзССР, 1927. № 36, ст.228.*
24. *СУ УзССР, 1927. № 40, ст.257.*
25. *СУ УзССР, 1928. № 15, ст.136.*
26. *СУ УзССР, 1928. № 3, ст.16.*
27. *Тахиров Ф.Т. Становление советского права в Таджикистане / Ф.Т. Тахиров. – Душанбе, 1987. – 192 с.*
28. *Хокироев А.Ю. Формирование и развитие органов милиции в Северном Таджикистане (1917-1929 гг.): дисс…канд. ист. наук: 07.00.02 /А.Ю. Хокироев. – Худжанд, 2019. – 166 с.*
29. *Шодиев И.Р. Развитие судебной системы в Таджикистане (вторая половина XIX – начало XXI вв.): автореф. дисс… канд. юрид. наук; 12.00.01 / И.Р. Шодиев. – Душанбе, 2010. – 27 с.*


**REFERENCES:**


1. *Central State Archive of the Republic of Tajikistan (CSA RT). – Fund 9. – Inventory 1. – File 1. – Sheets 1, 6, 7, 10, 12 (Minutes of the meeting of the Revolutionary Committee of the Tajik Autonomous Soviet Socialist Republic No.1, dated 07.12.1924).*
2. *CSA RT. – F.9. – Inv.1. – File 11. – Sheets 13–17.*
3. *CSA RT. – F.9. – Inv.1. – File 13. – Sheets 35–40.*
4. *CSA RT. – F.9. – Inv.1. – File 15. – Sheet 19.*
5. *CSA RT. – F.9. – Inv.1. – File 179. – Sheets 162–164, 176–179.*
6. *CSA RT. – F.9. – Inv.1. – File 27. – Sheets 88–91.*
7. *CSA RT. – F.9. – Inv.1. – File 36. – Sheets 125–130.*
8. *CSA RT. – F.9. – Inv.3. – File 118. – Sheet 146.*
9. *Vasikova M.S. Development of the Legislation of the Uzbek SSR and the Problems of Its Codification: Abstract of Doctoral Dissertation in Law, Specialty 12.00.01. – Tashkent, 1974. – 41 pp.*
10. *Enikeeva Z.G. Autonomous Republic. – Moscow: Legal Literature, 1964. – 83 pp.*
11. *History of National-State Building of the USSR (1917–1936). – Moscow: Mysl, 1968. – 504 pp.*
12. *History of the Soviet Constitution in Documents, 1917–1956 / Comp.: Lipatov A.A., Savenkov N.T.; Preface: Studenikin S.S. (Gen. ed.) – Moscow: Gosyurizdat, 1957. – 1045 pp.*
13. *Mirzoeva K.A. Formation and Development of the Prosecutor's Office and Prosecutorial Supervision in Tajikistan (1920s – mid-1930s): Abstract of Candidate of Legal Sciences Dissertation, Specialty 12.00.11. – Moscow, 1996. – 26 pp.*
14. *Mukhammadiev I.S. Formation and Establishment of Prosecutor's Bodies in Northern Tajikistan in 1923–1930 (Historical Aspect): Abstract of Candidate of Historical Sciences Dissertation, Specialty 07.00.02. – Khujand, 2009. – 27 pp.*
15. *Nazarov N.D. History of the Tajik Police: Stages of Formation, Development, and Improvement. – Dushanbe, 2005. – 249 pp.*

***16.****Nazarov N.D. Organizational and Legal Foundations of the Formation and Development of the Police of Tajikistan (1917–2006): Abstract of Doctoral Dissertation in Law. – Moscow, 2007. – 64 pp.*
***17.****Pirakov Kh.M. On the Organizational and Legal Foundations of the Formation of the Judicial Bodies of Tajikistan in the Early Years of Soviet Power // Bulletin of the Pedagogical University. – 2015. – No. 3-1 (64). – PP.276–280.*
***18.****Pravda Vostoka, November 30, 1924.*
***19.****Collection of Codes of the Uzbek SSR. – Samarkand, 1929. – Art. 441.*
***20.****Collection of Codes of the Uzbek SSR. – Samarkand, 1929. – PP. 54–83.*
***21.****Collection of Laws and Orders of the Workers and Peasants Government of the Uzbek SSR (SU UzSSR), 1925, No.9 – Arts. 102, 174, 175, 282.*
***22.****CL UzSSR, 1926. No. 11–12 – Arts. 53, 54, 55.*
***23.****CL UzSSR, 1927. No. 36 – Art. 228.*
***24.****CL UzSSR, 1927. No. 40 – Art. 257.*
***25.****CL UzSSR, 1928. No. 15 – Art. 136.*
***26.****CL UzSSR, 1928. No. 3 – Art. 16.*
***27.****Takhirov F.T. Formation of Soviet Law in Tajikistan. – Dushanbe, 1987. – 192 pp.*
***28.****Khokiroev A.Yu. Formation and Development of Police Bodies in Northern Tajikistan (1917–1929): Dissertation for the degree of candidate of History, Specialty 07.00.02. – Khujand, 2019. – 166 pp.*
***29.****Shodiev I.R. Development of the Judicial System in Tajikistan (Second Half of the 19th – Early 21st Centuries): Abstract of candidate of legal sciences. Dissertation, Specialty 12.00.01. – Dushanbe, 2010. – 27 pp.*